# ҚАРОРИ

## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**аз 28 апрели соли 2023** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризи расмӣ: Диноршоҳ Азиз Мусо – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ва Каримов Ҳусейн Мухторович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тақризҳои ба автореферати диссертатсия аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Зоир Ҷ.М., номзадҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсентон Ваḷизода Н.Д., Юнусова О.М. ва Сулаймонзода М.С. пешниҳодшуда, баромади аъзои Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Раззоқов Б.Ҳ., Иброҳимов С.И., Трофимов Е.В. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдулхонов Ф.М. – ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳҳеҳнокӣ, навгонии

илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Изатуллозода Пайрави Нусратулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурсида мешавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Изатуллозода Пайрави Нусратуллоро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раисикунанда, муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Иброҳимов С.И.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Рустамзода Ҷ.Ю.**